**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи "Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ**

Дар воқеъ, фарҳанг - соҳаи махсуси ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, аз давраи антиқа то қарни XX, то пайдоиши соҳаи нави илм "фалсафаи фарҳанг" ҳамаи зиддияту низоъҳои мазҳабию динӣ, миллӣ, ҳамоҳангӣ ва ихтилофи назарҳо, ки дар натиҷаи раванди иҷтимоишавӣ ва фардишавии шахс, якҷояшавии андешаҳои манифатхоҳон нисбати бартарияти тамаддуни шарқию ғарбӣ ё бартарияту қафомондагии яке бар дигаре ба мушоҳида мерасиданд, дар доираи донишҳои фалсафӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешуданд. Дар ҷомеаи имрӯза бошад, масъалаи мазкур як мавзуи баҳсбарангези соҳаи "фалсафаи фарҳанг" ё худ фалсафаи иҷтимоӣ қарор гирифта, боиси ташаккулёбии назарияҳои "бархӯрди тамаддунҳо" ва "муколамаи фарҳангҳо" гардидааст. Дар робита бо ин, диссертант, барҳақ қайд мекунад, ки муколамаи фарҳангҳо – ин воситаи ҷалби намояндагони тамаддунҳо ба баҳс, табодули назар, ҳаллу фасли масоили мухталиф, тарғиб ва ҳифзи арзишҳои моддию маънавӣ ҷиҳати бақои миллатҳо тавассути риояи фарҳанги таҳаммулгароӣ, эҳтироми якдигар ва даъват ба ҳамдилию ҳамзистӣ аст. Аз ин рӯ, ба фазои фалсафаи иҷтимоӣ овардани муколамаи фарҳангҳо ҳамчун падидаи дорои хусусиятҳои хосе, ки ба доираи муоширати байни одамон дохил мешавад ва таҳқиқ кардани он ба сифати як мавзуи комили илмӣ, аҳамияти назариявию амалии вижаи худро дорад.

Маводи дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ коркард ва таҳлилгардида ба кори илмии мазкур робиати зич дошта, вазифаҳои пешгузошта ба мақсад мувофиқат мекунанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи принсипҳо ва муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат ва дақиқ кардани масъалаҳои матрахшуда, аз ҷумла, методи таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, низомнокӣ, муносибати байнифаннӣ, ки бо соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ иртибот дорад ва ғайра ташкил медиҳанд. Ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ асарҳои файласуфон, ҷомеашиносон, фарҳангшиносони ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот асоснок намудани асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, нақш ва ҷойгоҳи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими он ба ҳисоб рафта, дар шаш банд мушаххас ва дар матни таҳқиқот зикр карда шудаанд.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ барои дарки моҳияти назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи тоҷикон дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, нақши гуфтугӯи тамаддунҳо дар эҷоди сулҳи тоҷикон, пешгирӣ аз зуҳури ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ ва ғайра барои пажӯҳишгарон, низоъшиносон аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд. Инчунин, маводи диссертатсия барои таҳия намудани рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ аз соҳаҳои илмҳои хусусияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва инсонгароидошта, мусоидат менамояд.

Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Таъкид бояд дошт, ки дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари натиҷаҳои мусбат камбудиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла дар қисмати асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи мавзуъ тамоми консепсияҳои илмии марбут ба мавзуи муколамаи фарҳангҳо мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода нашудаанд. Эроди мазкур арзиши кори илмии анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд ва он хусусияти тавсиявӣ дорад.

Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи кори таҳқиқотӣ Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ арзанда аст.

Доктори илмҳои фалсафа,
сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Ғ.Ғ.Қаҳҳоров

Имзои Ғ.Ғ. Қаҳҳоровро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ИФСҲ-и
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Х.Шозедов